## НОҲИЯИ АЙНӢ

### Боби 8. Омодагӣ бо ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва кам кардани хатари онҳо

### 8.1 Кам кардани офатҳои табиӣ

Дар давраи солҳои 2005-2008 дар ноҳияи Айнӣ 26 ҳолатҳои фавқуллода, аз ҷумла 2 сел, 12 ярч, 4 тарма, 6 ҳодисаи боридани барфи зиёд\хунукиҳои шадид ва 2 обхезӣ дар дарёҳо ба қайд гирифта шудааст. Офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти ноҳияи Айнӣ ба маблағи 3,117,200 сомонӣ ҳисорот ворид сохтааст, ки он 13.7 фоизи буҷети умумии ҷорсоларо ташкил медиҳад. Дар диаграммаи пешниҳодшаванда таносуби маблағҳои зарари расонидашуда ба буҷет, аз ҷумла таносуби фоизии онҳо нишон дода шудааст.

**Таносуби буҷети ноҳияи Айнӣ ва хисорот аз ҳолатҳои фавқуллода**

| **Солҳо** | **2005** | **2006** | **2007** | **2008** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Даромад (сомонӣ)** | 3,617,044 | 4,636,299 | 6,444,533 | 8,372,703 | 23,070,579 |
| **Хароҷот (сомонӣ)** | 3,620,593 | 4,628,033 | 6,445,513 | 8,058,946 | 22,753,085 |
| **Зарар аз ҲФ (сомонӣ)** | 425,100 | 118,500 | 529,000 | 2,044,600 | 3,117,200 |
| **Зарар аз ҲФ (фоиз)** | *11.74* | *2.56* | *8.21* | *25.37* | *13.70* |




Динамикаи афзоиши хисорот аз офатҳои табиӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2008 ба иқтисодиёти ноҳия зарари аз ҳама зиёд расонида шудааст, ки он аз зарари умумии сесола зиёдтар буда, 2,044,600 сомониро ташкил менамояд.




Ҳудуди ноҳияи Айнӣ қариб саросар ба ҷараёнҳои хавфнок пайваста дучор мегардад. Аз 8 ҷамоати ноҳия танҳо дар ҷамоати Зарафшон минтақаи ҷараёнҳои хавфнок вуҷуд надорад. Дар ҳафт ҷамоати боқимонда аз 1 то 4 деҳаҳое ҳастанд, ки дар қаламрави онҳо минтақаҳои хавфнок мавҷуд мебошанд. Ҳамагӣ дар ноҳия 26-то чунин деҳаҳо ҳастанд.

| Ҷамоат | % деҳаҳо бо ҷараёнҳои хавфнок |
|---|---|
| Урметан | 36.4 |
| Дар-Дар | 66.7 |
| Айнӣ | 36.4 |
| Рарз | 44.4 |
| Шамтуч | 80.0 |
| Фондарё | 8.3 |
| Анзоб | 22.2 |
| ш.Зарафшон | 0.0 |



Аксаран дар ҳамон як деҳа якчанд намудҳои ҷараёнҳои хавфнок ба амал меоянд. Сабабҳои ҳолатҳои фавқулодда одатан инҳоянл: селҳо, ярчҳо, сангфароиҳо, кӯчишҳо, тармаҳо, боришоти барфи зиёд ва сардиҳои шадид.

Дар ҷадвали поёнӣ номгӯи ҷараёнҳои геологии ба деҳаҳо таҳдидкунанда пешниҳод мешавад. Ба ҳолатҳои боришоти барфи зиёд ва сардиҳои шадид тамоми қаламрави ноҳия мувоҷеҳ мебошанд.

| **Ҷамоат** | **Деҳа** | **Навъи ҷараёни таҳдидкунанда** | **Ҷамоат** | **Деҳа** | **Навъи ҷараёни таҳдидкунанда** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Урметан** | Урметан | селҳо | **Шамтуч** | Гузори бод | ярчҳо, сангфуроӣ |
| | Ёвон | селҳо, ҷараёни бодлесшавӣ | | Похут | ярчҳо |
| | Ревад | селҳо, ярчҳо, сангфуроӣ | | Шаваткиpоён | сангфуроӣ |
| | Вашан | ярчҳо | | Вешаб | ярчҳо, сангфуроӣ |
| **Дар-Дар** | Искодар | селҳо | | Шамтуч | сангфуроӣ |
| | Дар-Дар | кандашавии соҳил | | Дарғ | сангфуроӣ |
| | Кум | селҳо | | Утоғар | сангфуроӣ |
| | Зеробод | ярчҳо | **Фондарё** | Махшевад | ярчҳо |
| **Айнӣ** | Путхин | ярчҳо | **Анзоб** | Такфон | кӯчишҳо |
| | Кӯҳрӯд | селҳо, ярчҳо | | Пишанза | ярчҳо |
| | Зиндакон | селҳо, ярчҳо | | 168, 170 км роҳи Душанбе-Хуҷанд | ярчҳо |
| | Хушекат | ярчҳо, сангфуроӣ | | 16 км роҳи Айнӣ-Кӯҳистони Матчоҳ | ярчҳо |
| **Рарз** | Фатмев | кӯчишҳо, сангфуроӣ | | | |

Дар он деҳоти ноҳия, ки дар қаламрави онҳо минтақаҳои хавфнок ҷойгиранд, 33,590 нафар аҳолӣ (7,039 хоҷагии деҳқонӣ) зиндагӣ мекунанд, ки ин 43,4% шумораи умумии аҳолии ноҳияро ташкил мекунад.

| | **Урметан** | **Дар-Дар** | **Айнӣ** | **Рарз** | **Шамтуч** | **Фондарё** | **Анзоб** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Миқдори хоҷагӣ** | 1,644 | 1,447 | 921 | 1,048 | 1,212 | 355 | 412 | 7,039 |
| **Аҳолӣ** | 7,121 | 6,741 | 4,635 | 5,232 | 6,064 | 1,654 | 2,143 | 33,590 |

Ҳангоми муқоисаи буҷети хароҷотии ноҳия аз рӯи соҳаҳои фаъолияти зараровар дар давраи солҳои 2005-2008 маълум гардид, ки хисороти аз ҳама бештар, ҳам аз рӯи фоиз ва ҳам аз рӯи маблағ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Хисороти соҳаи кишоварзӣ дар давраи зикршуда 799,800 сомониро ташкил дода, ба 3.3 фоизи хароҷоти умумии буҷет мувофиқ аст.

| Маблағи зарари хоҷагиҳои ноҳияи Айнӣ аз рӯи соҳаҳои фаъолият (сомонӣ) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2005** | **2006** | **2007** | **2008** | **Хамаги** |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 95,500 | 3,600 | 15,000 | 61,500 | 175,600 |
| Соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ ва тандурустӣ | 0 | 21,100 | 0 | 114,900 | 136,000 |
| Инфрасохтор | 249,200 | 47,800 | 385,200 | 153,400 | 835,600 |
| Кишоварзӣ | 51,500 | 3,300 | 128,800 | 616,200 | 799,800 |
| Иншооти дигар | 28,900 | 42,700 | 0 | 1,098,600 | 1,170,200 |

Бо назардошти он ки аз масоҳати умумии ноҳия ҳамагӣ 0.76 фоиз (3,962 га)-ро замини киштбоб ташкил медиҳад, яъне ба ҳар нафар сокини ноҳия қариб 0,05 га замин рост меояд, пас зарари ба соҳаи кишоварзӣ расонидашаванда ҳам дар маҷмӯъ барои соҳа ва ҳам барои аҳолӣ ниҳоят назаррас мебошад.

Ҳамин тариқ, дар шароити маҳдудияти захираҳои замин ва хисороти назаррас аз офатҳои табиӣ масъалаи ҳифзи зироатҳои кишоварзӣ ва соҳаи аграрӣ аз обхезиҳо, селҳо ва ярчҳо тавассути сохтмони иншооти дахлдори муҳофизатӣ, аз қабили БУР, селпартоҳо, шабакаҳои дренажӣ ва мустаҳкам намудани нишебиҳои ярчпазир ниҳоят ҳалталаб мебошад. Чорабиниҳои мазкур бояд қисми таркибии нақшаи рушди ноҳия бошанд.

| Таносуби зарар аз рӯи соҳаҳо ва хароҷоти буҷети ноҳияи Айнӣ (% ) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2005** | **2006** | **2007** | **2008** | **Ҳамагӣ дар солҳои 2005 - 2008** |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 2.64 | 0.08 | 0.23 | 0.76 | 0.77 |
| Мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ | 0.00 | 0.46 | 0.00 | 0.10 | 0.13 |
| Иншооти фарҳангию маишӣ | 0.00 | 0.00 | 0.00 | 1.33 | 0.47 |
| Инфрасохтор | 6.42 | 1.03 | 1.86 | 1.81 | 2.40 |
| Иншооти соҳилмустаҳкамкунӣ | 0.00 | 0.00 | 0.00 | 0.09 | 0.03 |
| Хатҳои обёрӣ ва каналҳо, ҳамагӣ | 0.46 | 0.00 | 4.12 | 0.00 | 1.24 |
| Кишоварзӣ | 1.42 | 0.07 | 2.00 | 6.28 | 3.03 |
| Иншооти дигар | 0.80 | 0.92 | 0.00 | 13.63 | 5.14 |

**Таносуби зарар аз рӯи соҳаҳо ва харочоти бучети ноҳия дар солҳои 2005 - 2008 (% )**




Тавре аз таҳлил бармеояд, барои иқтисодиёти ноҳия гузаронидани маҷмӯи тадбирҳои дахлдори превентивӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда зарур аст ва барои ин тадбир захираҳои моддию молиявии дахлдор лозим меояд, ки онҳо дар буҷети ноҳия пешбинӣ нашудаанд.

Мониторинги гузаронидашудаи фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ вобаста ба беҳтар намудани зиндагонии аҳолӣ, паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ошкор сохт, ки аз ҷониби созмонҳои ба сифати афзалият ба таъмини аҳолии эҳтиёҷманд бо оби нӯшокӣ, инчунин барқарорсозии роҳу купрукҳо, селпартоҳо ва корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст.

Дар давраи солҳои 2006 то аввали соли 2009 аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ба ин мақсадҳо 44,390,3 81 доллари амрикоӣ харҷ шудааст.

| | |
|---|---:|
| БРССМ | 397,103, 81 |
| Агроаксияи Олмон | 30,000 |
| Миссияи Шарқ | 16,800 |
| **Ҳамагӣ** | 443,903,81 |

Ҳамзамон ноҳия даромади солона низ надорад, ки онро ба корҳои митигатсионӣ сафарбар намояд.

Дар сурати ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодда сохтори омодабошӣ ва эътинои ноҳияи Айнӣ чунин пешбинӣ шудааст:

## Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҲФ дар ноҳияи Айнӣ



Айни замон дар ноҳияи Айнӣ 13 муассисае вуҷуд доранд, ки онҳо бевосита ба огоҳсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардиданд. Дар поён рӯйхати муассисаҳои мазкур бо нишон додани нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷоти онҳо оварда мешавад.

**Хадамоти хабаррасонӣ ва алоқа (ҶСШК «Тоҷиктелеком»)**

| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
|---|---|---|
| 1. БМА[1] - 1 адад<br>2. ВАЗ Нива – 1 адад<br>3. ГАЗ-52 – 1 адад<br>4. Генератор – адад (1-корношоям)<br>5. Марказҳои алоқаи деҳот – 8 адад:<br>- Урметан - 1 адад<br>- Дар-Дар -1 адад<br>- Айнӣ – 1 адад<br>- Рарз – 1 адад<br>- Шамтуч -1 адад<br>- Фондарё - 1 адад<br>- Анзоб - 1 адад<br>- ш.Зарафшон - 1 адад | Вуҷуд надорад | Маводи сӯхт ва равғанҳои молиданӣ - 5 тонна<br><br>1автомашинаи алоқаи таъҷилӣ<br><br>Симҷӯбҳо барои хатти алоқа -115 адад<br><br>Ноқили саҳроӣ-15 км |

**Хадамоти тиббӣ (Беморхонаи маркази ноҳиявӣ)**

| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
|---|---|---|
| Автомошинаҳо – 4 адад (2-корношоям)<br>Дизкамераи сайёр – 1 адад<br>Дастгоҳи рентген 2 адад (1-корношоям)<br>Дастгоҳи флюорографӣ 1 адад<br>78 табибон<br>243 хоҳарони шафқат | 10 фоизи доруворӣ (аз эҳтиёҷот) | Мошинҳои ёрии таъҷилӣ – 5 адад<br>Дизкамера - 1 адад<br>Дастгоҳи флюорографӣ – 1 адад<br>Ҷарроҳии сайёр – 1 адад<br>Бастаи асбобҳои тиббӣ, хаймаҳо, доруворӣ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, маводи хӯрокворӣ |

**Хадамоти таъмини тартибот (ШКД)**

| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
|---|---|---|
| 65 корманд<br>7 инспекторҳо дар ҷамоатҳо ва 4 нафар дар ноҳия | Вуҷуд надорад | 1 мошини махсус бо низоми алоқаи муосир<br>16 радиостансияҳо |

[1] Бунгоҳи маркази алоқа

| | | |
|---|---|---|
| 5 автомашина (2 адад дар БДА, 1 адад дар ҳайати мушоият, 3 адад мошини хизматӣ) | | сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ,<br>1 мошини мушоият |

**Хадамоти сӯхторнишонӣ**

| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
|---|---|---|
| 1 автомашина (4 мошини сӯхторнишонӣ, 1 адад мошинаи нардбон, 1 мошини хизматӣ) | 50 литр | 1 автонардбон (ё таъмири мошини мавҷудбуда), сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, қисмҳои эҳтиётӣ |

**Хадамоти нақлиёт**

| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
|---|---|---|
| 5 – мошини боркаш (2-корношоям)<br>10 - автобуси мусофирбар (7-корношоям)<br>УАЗ -469 - корношоям | Вуҷуд надорад | 17 - автобуси мусофирбар<br>10 – мошини боркаш, аккумуляторҳо, қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ |

**Хадамоти роҳсозӣ (МНДРА)**

| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
|---|---|---|
| С-100 – 5 адад (2-корношоям)<br>С-130 – 3 адад (1-корношоям)<br>Трактори ДТ-75 – 5 адад (3-корношоям)<br>Грейдер 3 адад (2-корношоям)<br>Экскаватор 2 адад<br>Автокран 1 адад (корношоям)<br>1 таҷҳизоти кафшергарӣ (корношоям) | Вуҷуд надорад | Погрузчик – 2 адад<br>Грейдер 2 адад<br>Экскаватор 1 адад<br>Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ - 50 тонна |

**Хадамоти коммуналӣ**

| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
|---|---|---|
| ГАЗ 53 боркаш – 1 адад<br>ЗИЛ (обпошак) – 1 адад (корношоям) | Вуҷуд надорад | Телевишка – 1 адад<br>Мошини боркаш – 1 адад |

| | | |
|---|---|---|
| ГАЗ 53 (телевишка) – 1 адад<br>Трактори Т-40 бо притсепаш – 1 адад (корношоям)<br>ГАЗ 53 ассенизатор – 1 адад (корношоям) | | Обпошак - 1 адад<br>Мошини асенизаторӣ - 1 адад<br>Трактори Т-40 – 1 адад<br>Экскаватор - 1 адад<br>10 тонна сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, шинаҳо, маводи сохтмонӣ |

**Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ**

| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
|---|---|---|
| 28 корманд<br>2 контейнер барои қабули ташхисҳо<br>2 лабораторияи ташхисӣ<br>1 мошинаи хидматӣ (корношоям) | Хлор 70 кг | Автомошинаи дизкамерадор (ҳарҷогард)<br>Реактивҳо барои лабораторияҳои кимиёвӣ ва бактериологӣ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ |

**Хадамоти савдо ва хӯроки умумӣ**

| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
|---|---|---|
| Ҷамъияти матлуботи ноҳия | Вуҷуд надорад | Захираи маводи озуқаворӣ ва сарулибос, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, мошинҳои боркаш |

**Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот**

| **Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда** | **Захираҳои мавҷуда** | **Эҳтиёҷот** |
|---|---|---|
| **Идораи кишоварзӣ**<br>Тракторҳо – 85 адад (46 адад коршоям)<br>Автомашина - 71 адад (ҳамагӣ коршоям)<br>**Раёсати бойторӣ**<br>2 адад техника<br>Лабораторияи бойторию бактериологӣ – 1 адад техника | Вучуд надорад | |

**Хадамоти энергетикӣ**

| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
|---|---|---|
| Зеристгоҳҳо – 4 адад<br>Автокран – 1 адад<br>Автотелевишка – 1 адад<br>Мошини садамавӣ – 1 адад | Вуҷуд надорад | Симчӯбҳо – 3 адад<br>Сим – 5 км<br>Ноқили АВВГ 50 – 1 км<br>Трансформатор – 3 адад<br>Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ – 2 тонна |

**Хадамоти муҳофизат аз селҳо ва БУР**

| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
|---|---|---|
| Ҳамагӣ – 32 адад техника:<br>ЗИЛ – 1 адад<br>Машинаи хидматӣ – 1 адад<br>Истгоҳҳои насосӣ 9 адад | Вуҷуд надорад | Автокран (16 т) – 1 адад<br>Автопогрузчик – 1 адад<br>КАМАЗ бортдор – 2 адад<br>Трактор МТЗ-82 – 1 адад<br>Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ – 15 тонна<br>Қисмҳои эҳтиётӣ |

**Штаби ноҳиявии Мудофиаи Граждании ва Ҳолатҳои Фавқулодда дар ноҳияи Айнӣ**

| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
|---|---|---|
| Вуҷуд надорад | Вуҷуд надорад | |

Кам кардани хавфи ҳолатҳои фавқулодда бояд ба сифати ҷанбаи комплексии байнисоҳавии ҳамаи соҳаҳои инфрасохторро дарбаргиранда баррасӣ карда шавад, зеро дар ҳолати ба вуҷуд омадани офат ҳамаи бахшҳо зарар мебинанд. Дар робита ба ин мақсади асосӣ ҳамгироии тадбирҳо оид ба паст кардани хавфнокии офатҳои табиӣ дар нақшаи рушди ноҳия тавассути татбиқи нақшаҳои омодабошӣ ва эътино ба офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодда ва ҷудо намудани маблағҳои мушаххас аз тамоми буҷетҳои рушд ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти хисороти моддии назарраси аз тарафи офатҳои табиӣ расонидашаванда таҳияи Стратегияи кам кардани хавфи офатҳои табиӣ, нақшаи тадбирҳои превентивӣ бо иштироки ҳамаи хадамоти дахлдор зарур мебошад.

**Мушкилиҳои асосӣ дар соҳаи кам кардани офатҳои табиӣ аз рӯи бахшҳо**

**Инфрасохтори шаҳру деҳот**

- Нокифоягии маблағҳо дар буҷет ва самаранокии пасти низоми огоҳсозии офатҳои табиӣ, аз ҷумла мавҷуд набудани гурӯҳбандии қаламрави дар зери таъсири ҷараёнҳои геологии экзогенӣ қарордошта бо мақсади ошкор намудани минтақаҳои нисбатан осебпазир дар марҳилаи банақшагирии инфрасохтори шаҳру деҳот:

- Мавҷуд набудани харитаҳои минтақаҳои хавфноки ноҳия;

- Механизмҳои суст амалкунанда оид ба сабуксозии оқибатҳои ҲФ;

- Мавҷуд набудани баҳодиҳии техникии фонди манзили ноҳия;

- Надонистани СНИП-ҳо аз ҷониби истиқоматкунандагони ноҳия;

- Мавҷуд набудани маблағҳо барои кори мураттаб оид ба татбиқи маҷмӯи тадбирҳои мигитатсионӣ.

## Мақсадҳо ва стратегияи кам кардани офатҳои табиӣ

Мақсади асосӣ ин ҳамгироии тадбирҳо оид ба кам кардани хатарҳои офатҳои табиӣ ба воситаи татбиқи тадбирҳои сохторию ғайрисохтории митигатсионӣ[2] бо мақсади омодасозӣ ва бозхондашавӣ ба офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодда ва ҷудо намудани маблағҳои мушаххас аз тамоми буҷетҳои рушд мебошад.

Аҳолии маҳаллиро ба корҳои вобаста ба кам кардани хавфнокии офатҳои табиӣ ҷалб намудан зарур аст. Бояд таҳлили ҷузъии табақаҳои аҳолиро гузаронида, сатҳи камбизоатии онҳо, муайян намудани омилҳои ба осебпазирии ин табақаҳои аҳолӣ таъсиррасонанда ва тадбирҳо оид ба ислоҳ намудани вазъиятро ҳамаҷониба таҳлил намудан зарур аст. Қонунгузории мавҷудбуда, дастурҳо, санадҳои зерқонунӣ, низомномаҳои меъёрӣ ва расмиёти ба соҳаи ҲФ дахлдорро бо мақсади коркарди нақшаи ягонаи амалиёт дар ҳолатҳои ВФ таҳия ва таҳлил намудан зарур аст.

## Тавсияҳои умумӣ

1. Пеш бурдани сиёсат оид ба ҳифз ва нигоҳдории зироатҳои кишоварзӣ;
2. Истифодаи мақсадноки маблағҳо (ҳам маҳаллӣ ва ҳам дотатсионӣ) барои ҳифзи заминҳои шудгоршаванда ҳамчун сарчашмаи асосии зиндагонии аҳолии ноҳия;

---

[2] Митигатсияи сохторӣ сохтмони биноҳои нав, роҳҳо, каналҳо, саддҳо ва дигар объектҳои инфрасохтор ва мустаҳкамкунӣ ва азнавсозии сохторҳои кӯҳнаро дар бар мегирад.

Митигатсияи ғайрисохторӣ бошад омӯзонидан, тренингҳо, ҷобаҷогузории лавҳаҳо ва аломатҳои огоҳкунанда, таҳияи низомномаҳо, нақшаҳои иситифодаи замин ва ғайраро дар бар мегирад.

3. Омодасозии харитаҳои ҷараёнҳои геологии экзогении ноҳияи Айнӣ ва таъсири онҳо ба нуқтаҳои аҳолинишин;
4. Муайян намудани корҳои афзалиятноки мигитатсионӣ дар сатҳи ноҳия;
5. Омодасозии нақшаи ноҳиявии омодабошӣ ва эътино ба офатҳои табиӣ;
6. Беҳтарсозии ташкили иқтидор ва воситаҳои МГ барои бартараф сохтани оқибатҳои ҲФ;
7. Муайян намудани ҷойҳои бехавф барои кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаҳои офатҳои табиӣ;
8. Гузаронидани таълимоти нақшавӣ ва тренингҳо бо хадамоти МГ дар сатҳи ноҳиявию маҳаллӣ (ҷамоатҳо) бо мақсади таъмини омадагии доимии онҳо.